ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖУҲИШГОҲИ ТИББИ ПРОФИЛАКТИКИИ ТОҶИКИСТОН
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, ул. Шевченко, 61 тел. 21-10-81; Fax: 21-53-06

от 27 02 2025 №1/2 ш. Душанбе

«Тасдиқ мекунам»
Директори МД "Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон", д.и.т.,
М.М. Рузиев
«27» февраля 2025

ХУЛОСАИ

МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ғуломзода Бобоҷон Зариф унвонҷуи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» буда (26.01.2023, №3-1) ба шумор мерафт.

Ғуломзода Бобоҷон зариф соли 1992 ба ихтисоси кори табобати дохил шуда. онро соли 1998 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шӯъбаи интернатура аз руйи ихтисоси духтури ҷарроҳ дохил шуда, соли 1999 зинаи мазкурро бо ихтисоси духтури ҷарроҳ хатм кардааст. Солҳои 2006-2008 аз курси аввалияи тахассусгирии "беҳдоштӣ, беҳдорӣ ва вогиршиносӣ" дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон, омузиш гузаштааст.

Номбурда бо фармоиши директори МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» аз 26 январи соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯйи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» қабул карда шудааст.

Мавзуъ ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст (протокол №3 аз 31.03.2023).

Шаҳодатнома оиди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар 2023 дар МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино» дода шудааст (№726 аз 03.06.2024).

Диссертатсияи Ғуломзода Б.З. дар ҷаласаи шӯъбаи таҳлили эпидемиологӣ ва пешгирии бемориҳои сироятии МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» аз 28 январи соли 2025, №1, муҳокима гардидаст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оди ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» чунин хулосақабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Ихтисос, номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мутобиқат мекунад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Ҳоло мувофиқи омори расмӣ оид ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои дорои паҳншавии максималӣ ва минималии бемории сил мавҷуданд, вале хусусиятҳои минтақавии омилҳои хатари инкишофи бемории сил, махсусан дар манбаъҳои сирояти бемории сил омӯхта нашудаанд. Аксаран ин омилҳо аз неруи кадрӣ низ вобастагӣ дорад, ки барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои зиддисилӣ масъуланд. Омӯзиши омилҳои мазкур асоси гузаронидани тадқиқоти илмии мазкур гардидааст. Зиёда аз ин, вазъияти эпидемиологии бемории сил дар ноҳияи Восеъ, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷойгир шудааст, муддати солҳои зиёде таҳти назорати ҷиддии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Вазъи эпидемиологии бемории сил дар ҷамоати ба номи Худоёр Раҷабов (Пахтакор)-и ноҳияи Восеъ солиёни зиёде аз ҳам намусоидтарин дар мамлакат ба шумор мерафт, дар байни мардум ин минтақаи мамлакатро «Водии марг» номгузорӣ карда буданд. Дар он давраи экспедитсияҳои илмӣ ташкил карда шуданд, ки ба ҳайати он олимон аз Федератсияи Русия шомил буданд. Вале хулосаҳои илман собитшуда оид ба сабабҳои вазъи номусоиди эпидемиологии бемории сил дар минтақаи мазкур бароварда нашуданд. Дар натиҷаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006 № 250 «Оид ба чораҳои беҳтар намудани ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва иҷтимоии ҷамоатҳои «Сино» и «Хоҷа Сартез»-и вилояти Хатлон ва дигар фармону дастурҳои вазорату идораҳо оид ба беҳтар намудни вазъияти эпидемиологии минтақаи мазкур ба тасвиб расиданд. Дар кори мазкур таҳлили вазъияти

кунунии мубориза бар зидди бемории сил дар ноҳияи Восеъ низ ва ноҳияҳои ба он ҳамшафати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Аз рӯйи маводи диссертатсия 9 кори чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастурамал барои духтурон нашр карда шуданд. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Дар асоси натиҷаҳои илмӣ Ғуломзода Б. З. дар якҷоягӣ бо дигар олимон Дастурамалро барои духтурон дар мавзуи “Оиди ҳамкорӣ байни Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар манбаъҳои сирояти силӣ” дар ҳаҷми 59 саҳифа таҳия карда, онро 100 адад нашр карда, тибқи санадҳои тасдиққунанда дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» ва МД “Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон” ҷорӣ намуда шудааст. Бояд қайд кард, ки дастурамали мазкур дар ҷаласаи таъбу нашри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2024, протоколи №2 тасдиқ гардида дар ҳаҷми 100 адад нашр гардидааст.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Диссертант тафсири илмии зиёда аз 200 адад сарчашмаҳои илмиро гузаронидааст. Бо иштироки шахсии муаллиф таҳлили маълумотҳои омори расмии гирифторшавӣ бо бемории сил тайи солҳои 2022 ва 2023 дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мувофиқи шаклҳои расмии омори бемории сил дар ин ноҳияҳо дар ҳамин давра гузаронида шудааст. Ҳамчунин 733 манбаъҳои эпидемии бемории сил дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил карда шуд, дар онҳо ҳамагӣ 3092 шахсони иртиботдошта (алоқамандон) ба қайд гирифта шуданд. Ҳамчунин муаллиф ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батартибдарорандаи ташкили корро дар манбаъҳои сирояти таҳлил намудааст. Ҳаҷми асосӣ ва ҳалкунандаи кор мустақилона иҷро карда шудааст ва як қатор навгониҳоро дар бар мегирад, ки дар бораи саҳми шахсии диссертант дар илм шаҳодат медиҳанд. Навиштани ҳамаи бобҳои диссертатсия, таҳияи мақсаду вазифаҳо, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаву тавсияҳои амалӣ шахсан аз тарафи диссертант иҷро карда шудаанд.

Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба ихтисоси интихобшудаи 14.02.02 – Вогиршиносӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мутобиқат менамояд:

зербанди 3.1. – Қонуниятҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии раванди эпидемии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои ошкор намудани сабабҳо, шартҳо ва механизмҳои инкишофи он, зербанди 3.5. –Такмили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ, сохтани қолабҳои биологӣ ва математикии раванди эпидемӣ, таҳияи чорабиниҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ), инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ, зербанди 3.7. – Таҳия ва такмили чораҳои (воситаҳои) зиддиэпидемӣ, инчунин шаклҳои нави таъминоти зиддиэпидемӣ (профилактикӣ)-и аҳолӣ мувофиқ аст.

Диссертатсия «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» аз муқаддима, тафсифи умумии таҳқиқот, Боби 1 «Тамоюли нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ, омилҳои хатари икишофи БС дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ва муносибати ташкилӣ ба гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ дар манбаъҳои сироятии Тоҷикистон (шарҳи адабиёт)», ки аз се зербоб иборат аст; Боби 2 «Мавод ва методҳои таҳқиқот»; Боби 3 «Дараҷаи бақайдгирии ҳодисаҳои БС дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2023», ки аз 7 зербоб иборат аст; Боби 4 «Таҳлили мушкилоти эпидемиологӣ ва таҳияи маҷмуи чораҳои такили пешгирии инкишофи БС дар манбаъҳои сирояти сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон»; Боби 5 «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот», инчунин хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти илмӣ иборат аст. Диссертатсия бо 22 ҷадвал ва 4 расм ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 167 сарчашмаи илмиро дар бар мегирад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,4 ҷузъи ҷопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Гуломзода, Б.З. Тенденции основных эпидемиологических показателей и факторов риска развития туберкулёза в разных странах мира и в Таджикистане / Гуломзода Б.З. // Симург. - 2023. №20(4). – С. 175-181.

2. Гуломзода, Б.З. К вопросу о вовлечённости службы государственного санитарно-эпидемиологического надзора в работу в очагах туберкулёзной инфекции на примере районов Кулябской зоны Хатлонской области / Гуломзода Б.З., Саидова С.Н., Пулатова С.Дж. // Наука и инновации. – 2024. - №2. – С. 55-60.

3. Ғуломзода, Б.З. Самаранокии корҳои пешгирӣ дар манбаъҳои эпидемикии БСдар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва роҳҳои мукаммалсозии онҳо / Бобохоҷаев О.И. Ғуломзода Б.З., Саидова С.Н. // Авҷи Зуҳал. - 2024. - №2(55). – С. 94-97.

4. Гуломзода, Б.З. К вопросу организации активного скрининга туберкулеза с учетом ключевых и ин дивидуальных уязвимостей / Бобоходжаев О.И., Саидова С.Н., Абдуллоев Н.Н., Гуломзода Б.З., Расулов Ё.Ф., Шукуров С.Г. // Здравоохранение Таджикистана. – 2024. - №4(363). - С. 18-21.

5. Ғуломзода, Б.З. Таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2023 / Б.З. Ғуломзода, Ҷ.М. Юсуфҷонова, Ё.Ф. Расулов, У. Нуруллозода, С.Г. Шукуров // Авҷи Зуҳал. - 2025. - №1(58). – С. 19-25.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

6. Гуломзода, Б. З. К вопросу об интеграции эпидемиологического надзора за туберкулёзом среди людей и животных в регионах Республики Таджикистан / Б.З. Гуломзода, Ё.Ф. Расулов, З.Х. Тиллоева, С.Н. Саидова, О.И. Бобоходжаев // Наука и образование. - 2024. - №4. – С. 21-25.

7. Гуломзода, Б.З. Служба государственного санитарно-эпидемиологического надзора в очагах туберкулёзной инфекции на примере районов Кулябской зоны Хатлонской области / Гуломзода Б.З., Саидова С.Н., Пулатова С.Дж. // В материалах XIX научно-практической конференции молодых ученых и студентов «Молодежь и медицинские инновации: создание будущего сегодня» с международным участием. Душанбе. 3.05.2024. – 2024. - Т.2. - С. 176.

8. Гуломзода, Б.З. Эффективность отслеживания семейных контактов от больных с активным туберкулезом в Республике Таджикистан Хафизов Х.М., Саидова С.Н., Шукуров С.Г., Гуломзода Б.З. Сборник тезисов LXXXV научно-практической конференции с международным участием «Актуальные вопросы экспериментальной и клинической медицины–2024» Санкт-Петербург Апрель 2024 г. – 2024. - С. 74-75.

9. Гуломзода, Б.З. Региональные особенности заболеваемости туберкулёзом в Республике Таджикистан / Гуломзода Б.З., Расулов Ё.Ф., Нуруллозода У. // В мат. научно-практическая конференция, посвященная 85-ти летию ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино» (72-я годичная) «Новые горизонты в медицинской науке, образовании и практике», с международным участием. 1 ноября 2024 г. – 2024. – Т. 1. - С. 262-263.

III. Дастурамал барои духтурон

Ғуломзода Б. З. Оиди ҳамкорӣ байни Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар

манбаъҳои сирояти силӣ / О.И. Бобохоҷаев, Б.З. Ғуломзода, М.М. Рузиев, С.Н. Саидова // Дастурамали методӣ. - 2025. – 59 саҳ.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ кори таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдориМДТ “ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино” тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» санаи 26 феврали соли 2025 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси Шурои олимони
МД «Пажуҳишгоҳи тибби
профилактикии Тоҷикистон», д.и.т. **М.М. Рузиев**

Котиби илмии
МД «Пажуҳишгоҳи тибби
профилактикии Тоҷикистон», н.и.т. **С.Ф. Шарифзода**

Имзоҳои Рузиев М.М. ва Шарифзода С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо: Аббосова М. _____

26.02.с.2025